**Тақризи**

**мушовири илмӣ ба кори диссертатсионии Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ, (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), пешниҳод карда шудааст.**

Ҳамчун мушовири илмӣ бо Одиназода К.С. мо ҳанӯз аз соли 2020 корро дар ин самт аз интихоби мавзуъ оғоз карда будем. Дар раванди фаъолияташ унвонҷӯ худро ҳаматарафа мусбат нишон дода, қобилияти пешбурди таҳқиқоти илмӣ, пайгирӣ кардани дилхоҳ масъала то пайдо шудани роҳи ҳалли ниҳоии он, муносибати эҷодӣ ва интизоми қатъӣ нисбат ба кори эҷодӣ сабаб гардидаанд, ки номбурда аз ҷамъоварии маводҳои пароканда сар карда, то ба сатҳи як таълифоти тому мукаммали баландарзиши илмӣ, бо забони фасеҳу равони адабии иқтисодии илмӣ, бандубасти моҳиронаи кор, натиҷаи матлубу дилпазир даст ёбад. Ба андешаи мо, диссертатсияи Одиназода К.С. дар мавзуи “Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия” дар сатҳи баланди илмӣ омода карда шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ яке аз принсипҳои муҳимми ҳукумати кишвар, ин таъмини аҳолии қобили меҳнат бо шуғл мебошад, аммо дар ҳоли ҳозир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилоти сатҳи баланди бекорӣ рӯ ба рӯ мебошад. Барои ҳалли мушкилоти зикр шуда пеш аз ҳама, самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷудаи кишвар зарур арзёбӣ мегардад.

Дар баробари ин, мутаасифона, дар адабиёти муосири иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ таҳили ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба танзими бозори меҳнат дар шароити муосири мушоҳидашаванда, бо дарназардошти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ, хусусиятҳои миллию таърихӣ ва вобастагӣ аз рушди қаблӣ вуҷуд надорад. Ин ҳолат, такмили минбаъдаи асосҳои

назариявӣ - методологӣ, институтсионалӣ, методии арзёбӣ, мониторинги сатҳ ва омилҳои бозори меҳнатро тақозо мекунад, ки боиси интихоби мавзуи мазкур аз ҷониби Одинзода К.С., мантиқи бандубасти он, гузоштани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ гардидааст.

Ногуфта намонад, ки худи Одиназода К.С. аз вазифаи ассистенти кафедаи назарияи иқтисодӣ сар карда, то муаллими калон, дотсент, то ба дараҷаи декани факултет, иҷрокунандаи вазифи ректор сазовор гадидааст ва аз ин рӯ, аз мушкилоти дар соҳаи бозори меҳнати кишвар мавҷудбуда огоҳии комил дорад. Мавзуи рисолаи номзадии мавсуф низ ба таҳқиқи яке аз унсурҳои низоми бозории муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шуда буд. Одиназода К.С. 11 –уми апрели соли 2019 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Асосҳои назариявии равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” дифоъ намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ гардидааст.

Одиназода К.С. дуруст хулоса мекунад, ки механизми таъсири давлат ба равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси такмили муҳити қонунгузории кишвар, рушди ҳамкориҳо бо давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, пешгирии афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҳамоҳангсозии масъалаҳои муҳоҷират байни мақомотҳои дахлдори давлатӣ таҳия карда шуда, зарурати пурзӯр намудани фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ ва мақомоти муҳоҷират дар хориҷа бо мақсади таъмин кардани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони кишвар ассоснок карда шудааст, ки ҳатто танзими бозори меҳнат дар шароити авҷгирии равандҳои муҳоҷират ва баҳодиҳии таъсири он ба сатҳи некуаҳволии мардум ва мутавозингардонии таносуби арза ва тақозо ба захираҳои меҳнатӣ дар шароити муҳоҷирати озоди аҳолӣ ба таври пурра таҳқиқ нашудааст, таъкид месозанд.

Ман ҳамчун мушовири илмӣ бояд хислатҳои ҳамидаи инсонии Одиназода К.С-ро низ қайд карда гузарам, ки инсони хеле наҷиб, сарфи назар аз ҷавонияш солору пуртамкин мебошад.

Бинобар ин, бо дарназардошти хислатҳои наҷиби инсонӣ, олими ҷавон, сермаҳсул будани Одиназода К.С. арзиши баланди илмӣ доштани таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ, ки умед аст, дар бартараф намудани мушкилоти соҳаи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ саҳми баланд мегузорад. Бо боварии том гуфта метавонам, ки ӯ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ, (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), мебошад.

**Мушовири илмӣ** Асрорзода У.С.
д.и.и., дотсент ректори ДБССТ

Имзои У.С. Асрорзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.
29.03.2024

Суроға 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел: (+992 37) 234 – 88 – 02
E-mail:dsx_ips@mail.ru